**ЗАМИМАИ №6**
**ба Стандарт оид ба гузаронидани аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ**

## ДАСТУРАМАЛ
## оид ба ҷамъ овардани маълумот ва асосҳои воқеӣ барои ба даст овардани далелҳои аудиторӣ Роҳнамо-3104

1.1. Дастурамал оид ба ҷамъ овардани маълумот ва асосҳои воқеӣ барои ба даст овардани далелҳои аудиторӣ (минбаъд Дастурамал) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Дастури Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, СПҲ -100 Дастурамал оид ба асосҳои таъмини методологии фаъолияти Палатаи ҳисоб, СПҲ 300 Стандарти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи гузаронидани аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои давлатӣ, Стратегияи рушди Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019 - 2023, Стандартҳои байналмилалии мақоми олии аудит ISSAI-100 Принсипҳои асосии аудити бахши давлатӣ, ISSAI-300 Принсипҳои аудити самаранокӣ ISSAI-3000 Стандартҳои аудити самаранокӣ, ISSAI-3910 Консепсияҳои маркази аудити самаранокӣ, ISSAI-3920 Раванди аудити самаранокӣ, Роҳнамои ширкати байналмилалии машваратии CIPFA (Британияи Кабир) “Оид ба аудити самаранокӣ” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

**1.2.** Дастурамали мазкур яке аз марҳилаҳои асосии гузаронидани аудити самаранокиро дар бар гирифта, далелҳо, маълумот ва нишондиҳандаҳои воқеиеро дар бар мегирад, ки онҳоро аъзои гурӯҳи аудиторон ҷамъ овардаанд ва дар асоси онҳо натиҷаҳои аудити самаранокӣ тартиб дода мешаванд.

**1.3.** Далелҳои аудиторӣ барои он истифода мешаванд, ки аввалан мувофиқати натиҷаи кори объекти аудит ба меъёрҳои истифодашудаи арзёбии самаранокӣ муайян карда шаванд, дуюмин хулосаҳо оид ба натиҷаҳои аудит асоснок карда шаванд ва сеюмин имкониятҳо барои такмил додани фаъолияти объекти аудит ошкор карда шуда, тавсияҳои дахлдор таҳия гарданд. Ба далелҳои аудиторӣ ҳуҷҷатҳои аввалия, инчунин маълумоти дорои хусусияти тасдиқкунанда мансуб мебошанд, ки аз манбаъҳои дигар ба даст

оварда шудаанд. Далелҳои аудиторӣ бояд ҳаматарафа, эътимоднок боваринок ва кофӣ бошанд.

1.4 Дар асоси нишондиҳандаҳои воқеии ҳангоми аудит ба даст овардашуда натиҷаи аудити самаранокӣ таҳия карда мешавад. Натиҷаю хулосаҳои аудит, ки ба ҳисобот дохил карда шудаанд, бояд асосноки карда шаванд ва умуман хусусияти танқидӣ дошта бошанд. Бинобар ҳамин онҳо бояд ба маълумоти ҳаматарафа, эътимоднок, боварибахш ва кофӣ тасдиқ карда шаванд.

## ШАРҲИ УМУМӢ

Ҷамъоварии маълумот ва асосҳои воқеӣ барои ба даст овардани далелҳои аудиторӣ марҳилаи асосии давраи амалисозии аудити самаранокӣ ба ҳисоб меравад.

Дастурамали мазкур аз муайян намудани мафҳуми далелҳои аудиторӣ, тарзу усулҳои ҷамъ овардани маълумот ва асосҳои воқеӣ барои ба даст овардани далелҳои аудиторӣ оғоз мегардад. Пас аз он дида мебароем, ки нисбат ба маълумот ва асосҳои воқеӣ чӣ гуна талабот пешбинӣ шудаанд, то ин ки дар асоси онҳо далелҳои аудиторӣ ба даст оварда шаванд.

Дар Дастурамали мазкур масъалаҳои зеринро дида мебароем, фаъолият аз рӯи нақшҳоро иҷро мекунем, мисоли мушаххас оид ба ҷамъ овардани маълумот ва асосҳои воқеиро барои ба даст овардани далелҳои аудиторӣ, аудити хурд мегузаронем.

## МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

**Далелҳои аудиторӣ –** асосҳо ва маълумотеро дар бар мегиранд, ки аз ҷониби аъзои гурӯҳи аудиторон ҷамъ оварда шудаанд ва дар асоси онҳо натиҷаи аудити самаранокӣ ташаккул дода мешавад.

Далелҳои аудиторӣ бо мақсадҳои зерин истифода мешаванд:

- барои муайян намудани он ки оё натиҷаи кори объекти таҳти аудит қароргирифта бо меъёрҳои истифодашавандаи арзёбии самаранокӣ мувофиқанд;
- барои асоснок намудани натиҷаю хулосаҳо оид ба аудит;
- ошкор намудани имкониятҳои такмил додани кори объекти таҳти аудит қарордошта ва ифода намудани тавсияҳои дахлдор.

Ба далелҳои аудиторӣ ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ, инчунин маълумоти тасдиққунанда, ки аз сарчашмаҳои дигар ба даст оварда шудаанд, мансуб мебошанд.

Талаботи асосӣ нисбат ба маълумот ва асосҳои воқеӣ барои ба даст овардани далелҳои аудиторӣ чунин мебошанд:

- беғаразӣ, эътимодият, саҳеҳӣ ва кифоят.

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### 1.1. Мафҳуми далелҳои аудиторӣ, муайян намудани сарчашмаҳои ба даст овардан, тарзу усулҳои ҷамъ овардани асосҳо ва маълумоти воқеӣ

Далелҳои аудиторӣ метавонанд чунин бошанд:

- дохилӣ, ки маълумоти аз субъекти иқтисодӣ дар шакли шифоҳӣ ва хаттӣ ба дастовардашударо дар бар мегиранд. Он далелҳо аз маводи баҳисобгирии муҳосибӣ, нусхаи муросилоти содиротӣ, дастурамалҳои мансабӣ, нақшаҳо, сметаҳои молиявӣ, ҳисоботи дохилӣ ва арзномаҳои хизматӣ, маълумоти омории ҷамъбастии фаъолият ва сиёсати дохилии ташкилот таркиб ёфтаанд.

- беруна, ки маълумоти аз тарафи сеюм дар шакли хаттӣ ба дастовардашуда (одатан бо дархости хаттии Палатаи ҳисоб) ба он мансуб мебошад;

- омехта, ки маълумоти аз ташкилот дар шакли хаттӣ ё шифоҳӣ ба дастовардашудаи аз ҷониби тарафи сеюм ба таври хаттӣ тасдиқгардидаро дар бар мегирад.

Далелҳои беруна барои аудитор арзиши бештар доранд, пас аз онҳо аз рӯи дараҷаи арзишмандӣ далелҳои омехта ва дохилӣ ҷойгир мешаванд.

### *1.2. Намудҳои далелҳои аудиторӣ*

Далелҳои аудиторӣ ба панҷ намуд тақсим карда мешаванд:

- далелҳои шайъии тариқи мушоҳидаи бевосита ба дастовардашуда, инчунин ашёи кашида гирифташуда;

- баёноти шоҳидон, ки аз шахсони дигари дорои дониш оид ба масъалаи мазкур дар шакли хаттӣ ё шифоҳӣ ҷавобан ба дархост ё дар натиҷаи суҳбат (мусоҳиба) ба даст оварда шудаанд;

- ҳуҷҷатҳое, ки аз ҳисобот, роҳнамою дастурҳо ва ҳуҷҷатҳои дигар иборатанд;

- далелҳои таҳлилие, ки дар натиҷаи таҳлил намудани маълумоти сарчашмаҳои гуногун пайдо шудаанд;

- далелҳои электронии иборат аз маълумоти воқеӣ дар шакли матн, графика ва шакли дигари электронӣ, ки дар ҳомилҳои дахлдори маълумот нигоҳ дошта мешаванд;

- хулосаи коршиносон.

### *1.3 Сарчашмаҳои ба даст овардани далелҳо*

Ба сарчашмаҳои ба даст овардани далелҳо мансубанд:

- мушоҳидаи ҷараёнҳо, расмиёт ва ғайра;

- азназаргузаронии молу мулки аслӣ аз ҷониби аудитор;

- мусоҳиба бо тарафҳои манфиатдор, ки дар шакли хаттӣ сабт карда мешавад, сабти магнитофонии суҳбат ё баёноти шоҳидон;

- ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, ҳисобот, дастурҳо, қарордодҳо, ҳисобнома-фактура ва ҳуҷҷатҳои пулии тасдиққунанда.

Ғайр аз он, сарчашмаҳои маълумоти компютерӣ маълумоти чопшуда ё дар ҳомили магнитӣ, ё ҳомили дигар намуд сабтгардида буда метавонанд. Маълумот инчунин дар хотираи оперативии компютер ё дар таҷҳизоти нигоҳдоранда, аз ҷумла шабакаҳои маҳаллӣ нигоҳ дошта мешавад.

### *1.4 Усулҳои ҷамъ овардани маълумоту нишондодҳои воқеӣ*

Хусусияти маълумоти ҷамъоваришаванда ба соҳаи фаъолияти объекти аудит, хусусиятҳои мушкилот ва мақсади аудити самаранокӣ вобаста мебошад. Маълумоти ба дастовардашуда бояд имконияти омӯхтани ҷараёнҳо, муносибатҳо, сабабҳо ва робитаҳо, ҷалб намудани диққати махсус ба имкониятҳои эҳтимолии ҳалли мушкилот ва роҳҳои ҳалли онро фароҳам орад. Ҳангоми омодасозии хулоса аудитор, чун қоида кӯшиш мекунад, ки далелҳои дорои хусусиятҳои гуногунро аз сарчашмаҳои гуногун ба даст орад. Расмиёти аудитории ҷамъоварии маълумот –тартиби муайян ва пайдарҳамии амалҳои аудитор бо мақсади ба даст овардани далелҳои зарурии аудиторӣ дар қитъаи мушаххаси аудит мебошад.

Усулҳои асосии ба даст овардани далелҳои аудиторӣ чунин мебошанд:

- баррасии ҳуҷҷатҳо, мусоҳиба, саволномаҳо, мушоҳидаҳо, истифодаи мавод оид ба назорати дохилӣ ва аудитҳои анҷомдодаи дигар мақомотҳои назоратӣ ва дархост ба коршиносон.

Усулҳои зикргардида хеле усулҳои маъмул мебошанд, лекин онҳо ягона нестанд. Аудитор метавонад мустақилона расмиёти ба даст овардани маълумоти заруриро муайян кунад. Афзалияту камбудиҳои ин усулҳо ва усулҳои дигари ҷамъоварии маълумот, инчунин далелҳои воқеиро пешниҳод менамоем.

Афзалияту камбудиҳои усулҳои ҷамъоварии маълумот ва далелҳои воқеӣ

| Номи усул | Афзалиятҳо | Камбудиҳо |
|---|---|---|
| Мушоҳидаи бевосита (азназаргузаронӣ, гӯшкунӣ ва мушоҳидаи ҷараёни кор, мушоҳида | - ба даст овардани далелҳои гуногуни низому ҷараёнҳои кори объекти аудитро | - усули гаронарзиш мебошад; -вақти бисёрро мегирад; - имконияти ба таври |

| | | |
|---|---|---|
| аксбардорӣ ва сабт) | таъмин менамояд;<br>- ба даст овардани маълумот оид ба кори кормандони алоҳидаро таъмин менамояд;<br>-имконияти мушоҳида намудани ҷараёнро дар шароити воқеӣ таъмин менамояд;<br>- барои омӯзши пешакӣ воситаи хуб мебошад;<br>- бо усулҳои дигари ҷамъоварии маълумот хуб мувофиқат мекунад. | сунъӣ сохтани тарҳи ҷараён барои ба даст овардани тасаввуроти қалбакӣ оид ба кор вуҷуд дорад;<br>- бесамар истифода шудани он дар давраи бевосита гузарондани аудит;<br>- бе мувофиқат бо усулҳои дигари ҷамъоварии маълумот кофӣ нест. |
| Мусоҳиба (таркибӣ ва ғайритаркибӣ) | - ошкор намудани ақидаю эҳсосот ва ҳиссиёти воқеиро таъмин менамояд;<br>- барои муайян намудани самти таҳлили минбаъдаи босифат истифода бурдан мумкин аст;<br>- имконияти ба даст овардани маълумоти ҷамъбастиро оид ба мавзӯи мусоҳиба фароҳам меорад. | - эҳтимолияти ба даст овардани маълумоти ғалат (хотира, эҳсосот, дарки гуногун);<br>-маълумоти нодаркорро ба даст овардан мумкин аст;<br>-гаронарзиш мебошад, чунки ҳуҷҷатгузории ҳатмиро талаб мена-мояд, лекин оқибат метавонад лозим нашавад;<br>- шакли заифи далелҳои аудиторӣ мебошад, агар онҳо бо ҳуҷҷатҳо тасдиқ нашуда бошанд. |
| Ақидаи коршинос | - натиҷаи аудитро тақвият медиҳад;<br>- дар ҳолатҳои муайян ақидаи коршинос тасдиқи ягонаи хулосаҳои дар рафти аудит баровардашуда мебошад;<br>- вақте ки оид ба меъёрҳои интихобгардида ягон ақидаро фаҳмдан | - дар сурати мавҷудияти ду ва ё аз он зиёд ақидаи коршиносон ҳақиқатро муайян намудан мушкил аст;<br>- шояд воқеӣ набошад;<br>- хуб мешуд, ки бо усулҳои дигар тасдиқ карда шавад. |

| | | |
|---|---|---|
| | зарур аст, фоидаовар мебошад; | |
| Шарҳи ҳуҷҷатҳо | - ҳангоми мавҷуд будани низоми марказонидашудаи нигоҳдорӣ вақти бисёрро талаб намекунад;<br>- дар сурати мавҷудияти малакаҳо ҷамъоварии маълумот вақти зиёдро талаб намекунад;<br>-ҳангоми аудит истифода бурдани он мувофиқи мақсад мебошад;<br>- барои ба даст овардани маълумоти даркорӣ боварибахш аст. | -ҳангоми мавҷуд набудани низоми марказонидашудаи нигоҳдорӣ (ҳуҷҷатҳо дар ҷой ва минтақаҳои гуногун нигоҳ дошта мешаванд) маълумоти лозимиро ҷамъ овардан хеле мушкил аст;<br>-ҳуҷҷатҳои мавҷуда маълумоти ба мақсаду меъёрҳо мувофиқро дар бар намегиранд;<br>-қоидаҳои барасмият-дарории ҳуҷҷатҳо дар ташкилот тағйир ёфта метавонанд. |
| Истифодаи маводи назорати дохилӣ | - дар сурати дуруст ташкил намудани назорати дохилӣ маълумот боэътимоду амиқ хоҳад буд;<br>- имконияти ихтисор намудани вақт ва хароҷоти ба гузарондани аудит вобастаро фароҳам меорад. | - шояд ба талаботи дахлдор ҷавоб дода натавонад;<br>- дар мувофиқа бо усулҳои дигар истифода бурдан лозим аст;<br>- осон рад карда шавад. |

### *1.5. Азназаргузаронии ҳуҷҷатҳо*

Азназаргузаронии ҳуҷҷатҳо кори ниҳоят меҳнатталаб аст, чунки тадқиқ намудани ҳама ҳуҷҷатҳо кори ғайриимкон ҳисобида мешавад. Бинобар он, чун қоида аудити ҳуҷҷатҳо интихобӣ ба роҳ монда мешавад. Усули аудити интихобӣ дар ҳолатҳое истифода мешавад, агар бо сабаби беаҳамиятии аёни камбудию хатоҳо зарурати аудити комилан пурраи ҳуҷҷатҳо ба миён наояд. Дар ин сурат истифодаи усули аудити интихобӣ набояд самараи аудитро коҳиш диҳад.

Мақсади аудити интихобӣ кам кардани сарфи вақт ва арзиши аудит бо таъмини сифати дахлдори он мебошад. Усули аудити интихобӣ ба қонунҳои назарияи эҳтимолият асос меёбад, ки мутобиқи онҳо маълумоти нисбатан амиқи умумӣ ва ҷузъӣ ба даст овардан мумкин аст. Аудитор бояд дар бораи он ки тадқиқот аз рӯи принсипи аудити

интихобӣ гузаронда шавад ё аз рӯи принсипи интихоби ба мақсади тадқиқот асосёфта анҷом ёбад, қарор қабул намояд. Одатан қарори охирин қабул карда мешавад, лекин агар вақт кофӣ бошад, ҳуҷҷатҳои дигар низ аз рӯи принсипи интихоби тасодуфӣ тадқиқ карда мешаванд.

Аудитор бо ҳама ҳуҷҷатҳо шинос шуда, маълумоти шарҳдиҳандаро ҷамъ меорад, ҳамзамон, матнро мунтазам таҳлил намуда, кӯшиш мекунад, ки ҳамаи он чизи ба таклифҳояш вобастаро дарёбад.

### *1.6. Мусоҳиба*

Мусоҳиба бо мақсади ба даст овардани маълумоте, ки барои таҳлили ҷараёни кор, ошкор намудани мулоҳизаи кормандон оид ба масъалаҳои муайян зарур аст, гузаронда мешавад. Дар рафти суҳбат ҳар як далели минбаъда далели пешинаро пурра, ислоҳ ё рад мекунад, далелҳои иловагӣ, алоқамандии ғайричашмдошт, таъсиррасонӣ ва маҳдудиятро ошкор менамояд.

Мусоҳибаро ба таври фардӣ ё бо иштироки гурӯҳ гузарондан мумкин аст. Мусоҳибаи фардӣ дар ин ё он сатҳ дар ҳама гуна аудитҳо истифода мешавад. Мусоҳибаҳои фардӣ ҳангоми пайдо шудани зарурати гузоштани маъсалаҳои танзимнашуда ва ба даст овардани шарҳи муфассал, тасаввуроту ақидаҳо хусусан фоидаовар мебошад. Назар ба мусоҳибаҳои фардӣ маълумоти дар натиҷаи гузарондани мусоҳибаи гурӯҳии кормандон ба дастомадаро ҷамъбаст ё ба таври миқдорӣ муайян намудан мумкин аст.

Лекин мусоҳибаҳои фардӣ дар бобати истифодаи ҳиссиёт ва эҳсосот бештар тағйирпазир мебошанд. Гоҳ-гоҳ бо ёрии онҳо ҷавобҳои бемулоҳиза ва маълумоти ғайричашмдоштро гирифтан мумкин аст, илова бар ин, он ҷавобҳо метавонанд ҳам афзалиятҳо диҳанд ва ҳам касро дар ҳолати ногувор монанд.

Намудҳои гуногуни саволҳоро намудҳои гуногуни ҷавобҳо ба миён меоранд, бинбар ин, хусусияти он ҷавоберо, ки ба шумо лозим аст, то банақшагирии мусоҳиба ба назар гирифтан муҳим аст. Мусоҳиба навбат ба навбат гузоштани саволу ҷавобҳоро дар бар гирифта, ба гирифтани маълумоти мушаххас равона шудааст. Дар муқоиса бо сӯҳбати ғайрирасмӣ мусоҳиба дар назди худ мақсадҳои мушаххасро мегузорад. Аз ин сабаб, саволҳо бояд пешакӣ омода карда шаванд.

Мусоҳибаи шаклдодашуда ва шаклдоданашударо истифода бурдан мумкин аст.

Мусоҳибаи шаклдодашуда – мусоҳибае, ки дар он ҳама саволҳо, пайдарҳамии онҳо, инчунин маълумоти муфассале, ки пас аз мусоҳиба бояд ҷамъ оварда шавад, пешакӣ муайян шудаанд.

Мусоҳибаи шаклдодашуда зоҳир гардидани тағйирпазириро ҳангоми тасдиқ намудани самтҳои имконпазири аудит, ки мо онро дар марҳилаи банақшагирӣ пешбинӣ накарда будем, истисно мекунад. Мусоҳибаи шаклдодашуда ҳангоми ҷамъ овардани маълумоти оддии воқеӣ барои мушаххасгардонӣ ё равшан намудани лаҳзаҳои муайян ва барои санҷидани таклифҳо хеле муносиб мебошад. Чунин мусоҳиба муқоисашавандагии натиҷаҳоро таъмин намуда, барои бо рамз ифода намудани натиҷаҳо бо мақсадаи таҳлили минбаъда имкон медиҳад. Мусоҳибаи шаклдодашуда дар марҳилаҳои нисбатан бевақти аудит, вақте ки мусоҳиб оид ба мушкилоти барои ӯ шавқовар тасаввуроти аниқ пайдо мекунад, фоидаовар буда метавонад.

Дар сурати анҷом додани мусоҳибаи шаклдоданашуда саволдиҳанда ҳангоми омӯхтани мавзӯъҳое, ки пештар ба назар гирифта нашуда буданд ва имконияти ҳар чи бештар санҷидани ҷавобҳои аз мусоҳиб гирифташуда бояд дорои тағйирпазирии ниҳоӣ бошад. Чунин муносибат барои ба даст овардани маълумоти гуногуни бештар ба мавзӯъҳои гуногунҷанба вобаста ё мавзӯъҳои дорои аҳамияти зиёди сиёсӣ ва ҷамъиятӣ муносиб мебошад. Чунин муносибат инчунин ба мо имкон медиҳад, ки назарияи худро ташаккул диҳем. Дар аксарияти ҳолатҳо (лекин на дар ҳамаи он) мусоҳибаи шаклдоданашуда дар марҳилаҳои аввали аудит хеле муҳим мебошад.

Ҳангоми банақшагирии мусоҳиба муайян намудани маълумоти камтарине, ки ба даст оварданиед, муҳим мебошад. Агар маълумоти оддиро аз аксарияти одамон ё аз одамоне, ки дар ҷойҳои гуногун кор мекунанд, ба даст овардан лозим шавад ва рафтори онҳоро мушоҳида намудан на он қадар муҳим бошад, ба мусоҳибаи телефонӣ, ки назар ба вохӯриҳои шахсӣ одатан хароҷоти камро талаб мекунанд, афзалият додан мумкин аст. Ғайр аз он, баъзе одамон ба воситаи сӯҳбати телефонӣ маълумот пешниҳод намуданро афзал мешуморанд, чунки суҳбати телефонӣ дар муқоиса бо мусоҳибаи шахсӣ махфияти бештарро таъмин менамояд. Одамони дигар шояд бо сабаби гузарондани мусоҳиба асабӣ шаванд, аз ин рӯ, мусоҳибаи шахсӣ ба онҳо имкон медиҳад, ки худро ҳангоми он назар ба суҳбати телефонӣ далертар ҳис кунанд.

Дар сурати додани саволҳои нисбатан душвор иштироки ду нафар мусоҳиб, масалан аудитор ва мутахассиси мавзӯи мушаххас муфид мебошад. Ҳузури ду нафар мусоҳиб инчунин барои ифода намудани саволҳо ва сабти ҷавоби онҳо дар сурати пайдо шудани мушкилоти муҳим ё эҳтимолан ба ҳам зид кумак расонда метавонад. Одатан, чунин мавзӯъҳо барои гузарондани мусоҳибаҳои телефонӣ мувофиқ нестанд.

Ҳангоми бақайдгирӣ ва тасдиқ намудани маълумот барои интихоб имкониятҳои бисёр мавҷуданд. Масалан, мусоҳиб (мусоҳибон) метавонад ҷавобҳоро қайд кунад ё ба фиттаи аудиоӣ ё видеоӣ сабт кунад (сабтҳои видеоӣ ё аудиоӣ айни замон дар мақомоти корҳои дохилӣ ба таври васеъ истифода мешаванд, лекин ба усули мазкур бояд ниҳоят эҳтиёткорона муносибат намуда, сабтҳоро ҳамеша танҳо бо розигии мусоҳиб истифода кардан лозим аст). Бар замми он, саволдиҳанда лаҳзаҳи умумиро дар охири мусоҳиба ҷамъбаст карда, ба даст овардани маълумотро пас аз анҷоми мусоҳиба тасдиқ карда метавонад ё ин ки маълумоти пас аз савганд ёд кардан пешниҳодшударо ба даст оварда метавонад.

### *1.7. Гузарондани мусоҳиба*

Мусоҳибаро кадом вақт истифода бурдан мумкин аст? Дар марҳилаи гузарондани аудит, барои ба даст овардани ҳуҷҷатҳо, ақидаю фикрҳои ба мақсади аудит вобаста, барои тасдиқ намудани далелу маълумоти аз сарчашмаҳои дигар бадастовардашуда ё барои нисбатан васеъ баррасӣ намудани хулосаю таклифҳои аудит.

Ҳар кадом иштирокчии мусоҳиба, ҳам саволдиҳанда ва ҳам посухгӯ нақши худро доранд ва рафтори ҳар ду иштирокчӣ бояд барои пурсамар будани мусоҳиба мусоидат кунанд. Азбаски ба гузарондани мусоҳиба нақш ва рафтори ҳар як тараф таъсир мерасонанд, ба ҳамдигар таъсир расондани иштирокчиён тарафайн мебошад. Нақш ва рафтори саволдиҳанда ба воситаи омӯзиши махсус дастур дода мешавад ва аз худ карда мешавад, дар сурате, ки нақш ва рафтори ҷавобдиҳанда бояд мавзӯи доимии ҷалб шудани диққат аз ҷониби саволдиҳанда бошад ва ҳангоми зарурат тавре тағйир диҳад, ки муваффақияти мусоҳибаро таъмин кунад.

Саволдиҳанда бояд камаш ҳашт вазифаи асосиро иҷро кунад:

- ба мусоҳиб якдигарфаҳмӣ зоҳир намуда, нисбат ба ӯ мароқи худро нишон диҳад;
- ба мусоҳиб пешниҳод кунад, ки дар мусоҳиба ширкат варзад;
- саволҳоро бо тартиб ва усули тавсияшуда диҳад;
- дарк намуданро аз ҷониби мусоҳиб таъмин намояд;
- аз пурсуҷӯи кунҷковона худдорӣ кунад;
- ҷавобҳои нисбатан пурра гирад;
- нисбат ба ҳолате, ки мусоҳиб дар он қарор дорад, бо фаҳмиш муносибат кунад.

Вазифаҳои мазкур набояд дар алоҳидагӣ баррасӣ карда шаванд, лекин онҳо ҳамчун қисми ҷудонопазири расмиёти гузарондани аудит аз ҷиҳати уҳдадориҳои саволдиҳанда баррасӣ карда шудаанд.

### 1.8. Фароҳам овардани якдигарфаҳмӣ ва зоҳир намудани рағбат

Кӯшиш кунед, ки муносибати баробару тарафайнро фароҳам оред. Муносибати дӯстонаро интихоб кунед, мароқ зоҳир намоед, лекин дар баробари он, шахси мустақил, беғараз ва софдиле бошед, ки маълумот ҷамъ меорад. Намуди зоҳирии шумо, тарзи суханронӣ, имову ишора ва ҳаракатҳои ҷисм ва садо дараҷаи якдигарфаҳмиро нишон медиҳанд. Ҳамаи ин ҳолатҳоро ҳанӯз дар вақти барқарор намудани робитаи аввал ба инобат гирифтан лозим аст ва он оҳанги тамоми мусоҳибаро муайян менамояд. Азбаски, робитаи аввал одатан ҳангоми сӯҳбати телефонӣ барқарор карда мешавад, овози шумо ва тарзи сӯҳбатро бурдан аҳамияти калон доранд (ва он ба тамоми ҷараёни гузарондани аудит вобаста аст). Овоз ва тарзи суханронӣ барои муваффақияти мусоҳиба омилҳои ҳалкунанда ҳисобида мешаванд. Фаромӯш накунед, ки мусоҳибаи телефонӣ ҳолати сунъие мебошад ва дар он саволдиҳанда шуморо намебинад, бинобар ин, дар асоси рафтори ғайришифоҳии шумо маълумот ба даст оварда наметавонад.

Овозатон ва тарзи суханрониатон бояд оромона ва равшан бошанд. Тавре сухан гӯед, ки мусоҳиб бе мушкилӣ овозатонро шунавад ва суханонатонро фаҳмад. Тағйирдиҳии овоз, оҳ кашидан ва садоҳои дигар, эҳсосот дар баробари қиёфа ва имову ишора табъи шуморо инъикос менамоянд. Худро тавре идора кунед, ки мусоҳиб бетоқатӣ, розӣ набудан ё ҳиссиёти дигари манфии шуморо эҳсос накунад. Хуб мешуд, агар шумо ҳангоми мусоҳиба ба чунин ҳиссиёт роҳ надиҳед, чунки бояд мушоҳиди пурсабру беғараз бошед. Дар баробари ин, шумо бояд аз зоҳир намудани эҳсосоти мусбат ё изҳори розигӣ ба суханони мусоҳиб худдорӣ намоед.

Муҳим аст, ки мусоҳиб аломатҳои хоси ғайришифоҳиро, ба монанди тағйирёбии овоз, қиёфа ё имову ишора дарк кунад, чунки ними робитаи дар рафти мусоҳиба амалишаванда бо чунин ишораҳо барқарор карда мешавад. Дарк накардани маънои аломатҳои ғайришифоҳӣ ба хавфи муваффақ нашудани робита вобаста мебошад.

Ҳангоми арзёбии арзиши мусоҳиба усули хуби амалӣ - афзун намудани вақти воқеии он аз ҳисоби сабт кардани натиҷаи мусоҳиба мебошад. Муқаррар намудани вақти камтар метавонад боиси пайдо шудани хавфи аз даст додани маълумоти пурарзиши мусоҳиба гардад.

## 1.9. Ҳавасмандгардонии мусоҳиб барои пешниҳоди ҷавоби саволҳо

Аксарияти одамоне, ки бо онҳо шумо робита барқарор мекунед, хусусан гирандагони маблағ (масалан, гирандагони кумакпулӣ) пештар ягон маротиба ҳангоми гузарондани аудит дар мусоҳиба иштирок накардаанд. Шояд онҳо вақти ба кор қабул шудан ё барои гирифтани кӯмакпулӣ аз суҳбат гузашта бошанд ва ҳамон вақт чунин маълумотро ба монанди ном, суроға, синну сол, шумораи фарзандон, таҷрибаи кор ва ғайра пешниҳод кардаанд. Лекин, он гоҳ аз онҳо дар бораи ақидаю ҳиссиёташон напурсида буданд. Аз ин сабаб, шояд ба мусоҳиб фаҳмондан лозим шавад, ки аз ӯ ҳангоми мусоҳиба чи гуна маълумот талаб карда мешавад. Саволдиҳанда бояд дар ҷараёни мусоҳиба ба мусоҳиб кумак расонад. Ин маънои онро надорад, ки ба мусоҳиб чи гуна ҷавоб доданро пинҳонӣ гуфта диҳад, лекин саволдиҳанда бояд тамоми шароитро таъмин намояд, то ки мусоҳиб худро ором ҳис кунад ва боварӣ ҳосил намояд, ки дар нақши мусоҳиб бо муваффақият баромад карда метавонад. Масалан, шумо метавонед ба мусоҳиб иттилоотеро пешниҳод кунед, ки барои интихоб намудан варианти дурусти ҷавоби ба мусоҳибаи шаклдодшуда дохилнамуда ёрӣ мерасонад. Вақте ки мусоҳиб бояд ҷавобро аз рӯйхати пӯшида интихоб кунад, ӯ бояд фаҳмад, ки ин корро чӣ тавр кардан лозим аст. Ҷавобҳо бояд тавре ифода карда шаванд, ки ба мусоҳиб ҳангоми ҷавоб додан кумак расонанд. Муваффақияти мусоҳиба бештар ба он вобаста аст, ки саволҳо чӣ тавр ифода карда шудаанд, инчунин ба он ки оё дар вақти мусоҳиба оҳанги ғайрирасмии суҳбат риоя мешавад ё не. Бояд тавозуни дурусти байни хусусияти расмӣ доштани мусоҳиба (дар сурати дарозу нисбатан мушкил будани савол) ва суҳбати ғайрирасмӣ (дар сурати хеле кӯтоҳу осон будани саволҳо) интихоб карда шавад.

Дар вақти мусоҳиба ба суханони мусоҳиб бо ифодаҳои зерин қувват додан муфид мебошад:

«Дуруст, мефаҳмам.»

«Як лаҳза, ҳозир ман инро қайд кунам.»

«Мефаҳмам (пас аз ин ибора ҷавоби гирифтаатонро такрор мекунед).»

«Мехоҳам санҷам, ки шуморо дуруст фаҳмидам ё не.»

«Фикри шуморо дар ин бора фаҳмидан хеле фоидаовар аст.»

«Ташаккур, фикри шуморо оид ба ин масъала фаҳмидан хеле муҳим аст.»

«Ҳа, ташаккур, фикри шумо дар ин бора хеле муфид аст»

## 1.10. Таъмин намудани фаҳмиши мусоҳиб

Баъзан вақт мусоҳиб саволро фаҳмида наметавонад ва дар ин бора ба саволдиҳанда гуфтанаш мумкин аст. Лекин, дар аксари мавридҳо дар чунин ҳолат мусоҳиб метавонад, ки ба савол ҷавоб надиҳад ё чунин ҷавобе диҳад, ки он ба маълумоти пешниҳоднамудааш мухолиф ё нодуруст бошад. Дар чунин ҳолатҳо шумо бояд усули мувофиқи «санҷидан» -ро ба кор баред, масалан:

Саволро такрор кунед;

Каме мунтазир шавед, сипас ҷавоби мусоҳибро такрор намуда, ба ӯ саволҳои бетарафона диҳед ё бо иборaҳои зерин суханони ӯро тарафдорӣ кунед:

«Шумо мехоҳед ягон чизи дигар илова кунед?»

«Сабабҳои дигар ҳам ҳастанд?»

«Шумо чиро дар назар доред?»

«Дар бораи ақидаатон оид ба ин масъала бештар гап зада метавонед?»

«Чаро худро ин хел ҳис мекунед?»

«Ҳиссиёти худро чӣ тавр тасвир карда метавонед?»

Барои он ки маънои саволҳо тағйир дода нашавад ва холисӣ риоя гардад, чунин «аудит» -ро хеле эҳтиёткорона гузарондан лозим аст. Саволҳои аниқкунандаи чунин шакл бояд дар марҳилаи омодасозии аудит таҳия карда шаванд. Агар ягон усули аудит натиҷа надиҳад ва илоҷи ягона суханони мусоҳибро дигар хел ифода намудан ё ба мусоҳиба ворид намудани саволҳои нав бошад, ин ҳолатро бо роҳи қайд кардани иттилооти дахлдор дар паҳлӯи ҷавоби мусоҳиб дарҷ намудан лозим аст.

### 1.11. Роҳ надодан ба пурсуҷӯи кунҷковона

Пурсуҷӯи кунҷковона шояд дар усуле, ки шумо онро барои ифода намудани саволҳо истифода мебаред, дар шарҳҳои пешазмусоҳибавӣ, ба таври махсус қайд намудани баъзе калимаҳо ё забони имову ишора ниҳон бошад. Ҳамаи ин ҷузъиёт бетарафиеро, ки бояд хусусияти тағйирнопазири муносибати шумо бошад, халалдор карда метавонад. Дар вақти гӯш кардани ҷавоби мусоҳиб шумо метавонед беихтиёр танҳо баъзе қисмати суханони ӯро «интихоб» намуда, бо ин роҳ маънои аслии ҷавобро таҳриф кунед.

### 1.12. Ба даст овардани ҷавобҳои нисбатан пурра

Шумо бояд дар бораи он ки ҷавоби гирифтаатон ба таври кофӣ пурра аст ё не, қарор қабул намуданро ёд гиред. Агар боварӣ ҳосил намуда бошед, ки ҷавоби комилан пурра гирифтед, метавонед ба саволи дигар гузаред. Агар ҷавоб пурра ё мушаххас набошад, бояд боварӣ ҳосил

кунед, ки саволи додаатон фаҳмо буд (дар ин бора гуфта гузаштем) ё кӯшиш кунед, ки дар ниҳояти кор ҷавоби пурра гиред. Баъзан вақт ба мусоҳиб имконият додан мумкин аст то ки ӯ ба саволҳои кушода ҷавоб гардонда тавонад, ҳангоме, ки ҳар як ҷавоби ӯро бо ҷавобҳои рӯйхати пӯшидаи варақаи дар дасти шумобуда муқоиса мекунед. Шумо бояд боварӣ ҳосил кунед, ки мусоҳиб барои интихоб намудани яке аз ҷавобҳо маълумоти кофӣ гирифтааст. Дар баъзе ҳолатҳо шумо аз рӯйхат бояд ду ё аз он зиёдтар ҷавобро интихоб намоед (на фақат як ҷавоб) ва аз мусоҳиб пурсед, ки кадоме аз онҳо ба фикри ӯ мувофиқ аст. Лекин ин корро танҳо дар сурати набудани илоҷи дигар ва танҳо пас аз он ки ба мусоҳиб барои фикр кардан вақти кофиро пешниҳод намудед, анҷом додан лозим аст.

Баъзан чунин мешавад, ки мусоҳиб ҷавоби саволро намедонад ва ба ӯ лозим мешавад, ки ҷавоби онро аз ягон каси дигар пурсад ё маълумоти заруриро аз ҳуҷҷатҳо ҷустуҷӯ кунад. Агар ин кор бе мушкилӣ ва дар муддати кӯтоҳ анҷом дода шавад, аз мусоҳиб хоҳиш кунед, ки маълумоти заруриро ҷамъ орад.

Инчунин, шумо метавонед аниқии ҷавобҳои гирифтаатонро санҷед ва барои ин аз мусоҳиб хоҳиш кунед, ки маълумоти тасдиқкунандаро пешниҳод намояд. Гоҳо ба саволҳои мусоҳиба саволҳое дохил карда мешаванд, ки ҷавобашон аллакай аз ҳуҷҷатҳо ва ё одамони дигар гирифта шудааст. Чунин саволҳоро барои санҷидани аниқии ҷавоби мусоҳиб истифода баред. Аксар вақт ба шумо на ҳама иттилоотро пешниҳод менамоянд. Аз рӯйдоде, ки барои мо шавқовар аст, чӣ қадар бештар вақт гузашта бошад, эҳтимолияти он ки мусоҳиб ё ҳама маълумотро фаромӯш мекунад, ё танҳо қисми онро ба ёд меорад, ҳамон қадар зиёд аст.

### 1.13. Фаҳмидани ҳолате, ки мусоҳиб дар он қарор дорад

То саршавии мусоҳиба ба мусоҳиб хабар диҳед, ки мусоҳиба (тахминан) чи қадар вақтро мегирад. Пас аз гуфтани ин гап ба зиммаи шумо уҳдадории назорат намудани вақти ҷудошуда гузошта мешавад.

Аксар вақт ҷавоби мусоҳибон аз вақти пешбинишуда вақти бештарро мегирад, чунки онҳо метавонанд мисолҳо биёранд, дар бораи ҳодисаҳое гап зананд, ки ба фикри онҳо аҳамияти муҳим доранд ё дар бораи ҳолатҳои дигар маълумот диҳанд. Агар ҳам вақти шумо ва ҳам мусоҳибатон маҳдуд набошад, дар ин бора гап задан ҷоиз аст. Лекин агар вақтатон маҳдуд бошад, усулҳоеро истифода баред, ки суҳбатро метезонанд, то ин ки танҳо бо сабаби нарасидани вақт саволҳои муҳими дар рӯйхат ишоранамудаатонро дода натавониста, бе маълумоти муҳим

намонед. Ғайр аз вақти барои суҳбат ҷудокардаи мусоҳиб ҳолате, ки ҳамсуҳбататон дар он қарор дорад, шояд барои ӯ мушкил бошад, агар ӯ бо мақсади ёфтани маълумоти ба шумо зарурӣ боз ягон кори иловагиро иҷро кунад. Агар саволи нисбатан камаҳамият вақт ва кӯшиши зиёди мусоҳибро гирад, барои гирифтани ҷавоб истодагарӣ накунед.

### 1.14. Тасдиқ намудани натиҷаи мусоҳиба

Ҷараёни мусоҳиба ба даҳана (воронка) монанд аст, ки ба он ҳаҷми зиёди маълумот ворид мешаваду танҳо қисми ками маълумот дар шакли иттилоот ё далел аз он мерезад. Қисми маълумоте, ки дар ин асно гум мешавад, муфид ва қисми дигараш нодаркор мебошад. Дар вақти гузарондани мусоҳиба аудитор бояд баъзе лаҳзаҳоро дар хотир дорад:

- на ҳар як гапи гуфтаи мусоҳибро саволдиҳанда қабул мекунад;
- на ҳама чизи шунидаи саволдиҳанда фаҳмо мешавад;
- на ҳама гапи шунидаи саволдиҳанда дар хотири ӯ мемонад ё қайд карда мешавад;
- на ҳама маълумоти қайдгардидаро мусоҳиб тасдиқ менамояд;
- на ҳама маълумоте, ки ба он мусоҳиб боварӣ дорад, аз ҷониби сарчашмаҳои мустақил тақвият меёбад.

Хулоса, дар хотир доштан лозим аст, ки далелҳои дар рафти мусоҳиба бадастовардашударо тасдиқ намудан душвор аст. Якчанд таклифҳо вобаста ба ин:

- тез –тез гуфтаҳои мусоҳибро ҷамъбаст кунед, махсусан дар охири суҳбат;
- ду саволдиҳанда бояд дар алоҳидагӣ маълумоти шунидаашонро ҷамъбаст намоянд;
- қайдҳоятонро ба мусоҳиб барои тасдиқ намудан фиристед.

Агар ҳангоми мусоҳиба шумо танҳо қайдҳои мухтасар карда бошед, ҳар чӣ тезтар онро дар шакли ҳуҷҷати расмии корӣ батафсил нависед.

### 1.15. Ҷамъбаст

Мусоҳибаҳои шахсӣ дар ин ё он сатҳ ҳангоми анҷомдиҳии ҳама гуна аудит гузаронда мешаванд. Дар марҳилаи банақшагирӣ мусоҳибаҳо ба аудитор кумак мерасонанд, ки оид ба ташкилоти аудитшаванда маълумоти бештар ба даст оварда шавад ва мушкилот муқаррар карда шаванд. Дар давраи гузарондани аудит мусоҳиба бо мақсади ба даст овардани маълумот ё ҳуҷҷатҳои ба мақсади аудит вобаста барои тасдиқ намудани далелу нишондодҳои аз сарчашмаҳои дигар ба дастовардашуда, ё ифода намудани таклифу хулосаҳои аудит истифода мешавад. Мусоҳиба аксар вақт қисми муҳими усулҳои дигари ҷамъоварӣ

ё таҳлили маълумот, масалан таҳия намудани блок-нақшаҳои инъикоскунандаи фаъолияти ташкилот, таҳлили хароҷот ё гузарондани пурсишҳо ба ҳисоб меравад.

Агар доираи одамоне, ки барои ба даст овардан ва тасдиқ намудани маълумот муносиб мебошанд, дуруст муқаррар карда шавад, инчунин ба масъалаи баррасишаванда ҷиддӣ тайёрӣ дида шавад, рӯйхати саволҳо таҳия гарданд ва дар баъзе мавридҳо он пешакӣ ба мусоҳиб пешкаш карда шавад, мусоҳиба метавонад муфид бошад.

Лаҳзаҳои нисбатан муҳим ҳангоми гузарондани мусоҳиба чунин мебошанд:

- омодагӣ, мавҷудияти мақсади равшан, пешакӣ огоҳ намудан, ҷамъбасти лаҳзаҳои асосии мусоҳиба, робитаи бозгарданда барои тасдиқ намудан (ҳангоми зарурат) ва тақвияти ҳатмии хаттии далелҳои шифоҳӣ.

## 1.16. Саволномаҳо

Саволнома воситаи босамари ба даст овардани далелҳои аудиторӣ буда метавонад, хусусан дар он ҳолатҳое, ки зарурати ба даст овардани маълумоти умумӣ аз шумораи нисбатан зиёди чунин субъектҳои иқтисодӣ ба миён меояд.

Саволномаҳоро ҳамчун рӯйхати саволҳои муфассал муайян кардан мумкин аст, ки одатан ба объектҳои аудит ҷиҳати пур кардан фиристода мешаванд ё онҳоро аудитор барои ба даст овардани силсилаи ҷавобҳо ба саволҳои монанд истифода мешаванд.

Пеш аз он ки оид ба истифодаи саволномаҳо қарор қабул карда шавад, таъсири онро ба ташкилоти таҳти аудит қарордошта баррасӣ кардан лозим аст. Новобаста ба он ки ин усул барои аудитор муфид аст, агар он нодуруст истифода шавад, ба ташкилоти таҳти аудит қарордошта аз ҷиҳати хароҷот, вақт ва захираҳо гарон меафтад ё ба аудитор маълумоти таҳрифшуда ва нодуруст пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми омода намудани саволнома се шакли асосии саволҳоро истифода бурдан мумкин аст:

- саволҳои кушода, саволҳои пӯшида ва саволҳои огоҳкунанда.

Ҳангоми интихоб намудани шакли савол ҳаҷми дониш ва доираи ҷавобҳои эҳтимолӣ, вақти барои ҷавобдиҳӣ сарфкунандаи мусоҳиб, инчунин ба даст овардани амиқии қонеъкунандаи ҷавобҳоро ба назар гирифтан лозим аст.

Саволҳои кушода метавонанд ба саволҳои асосӣ табдил ёбанд – дар онҳо аз мусоҳиб хоҳиш карда мешавад, ки дар шакли ҳикоя ба савол ҷавоб диҳад ва чунин ҷавоб барои таҳлили ҳаҷми зиёди маълумот ё таҳияи ақидаҳо истифода бурда мешавад.

Истифодаи чунин шакли саволҳо аз объекти аудит – барои тайёр намудани ҷавоб, аз аудитор бошад, барои таҳлил намудан вақти зиёдро талаб менамояд.

Эҳтимолияти озодона баён намудани далелу ақидаҳо имконпазир мебошад.

*Мисол: Соли гузашта кумаки молиявӣ чи гуна истифода шуда буд?*

*Дар бораи чорабиниҳои маъмурии дар доираи барномаи пешниҳод намудани кумаки молиявӣ гузарондашуда чӣ гуфта метавонед?*

Ҳангоми истифодаи чунин усул иттилоъдиҳанда бояд ба савол ҷавоби шахсиашро нависад ё фикрашро дар бораи савол баён кунад. Усули мазкур аксар вақт бо чунин мақсад истифода мешавад, ки намудҳои ҷавоби вобаста ба саволҳо истифодашаванда муайян карда шаванд. Ин усул ҳам аз шахсони иттилоъдиҳанда, ки бояд ҷавоби худро нависанд ва ҳам аз таҳлилгар, ки сипас ин ҷавобҳоро шарҳ медиҳад ва ба низом медарорад, кӯшиши зиёдро талаб менамояд. Новобаста ба ин, саволҳои шакли кушода маълумоти зиёдро пешниҳод менамоянд, ба шарте, агар мусоҳиб ба савол ҷавоби пурраи ба таври кофӣ асоснок диҳад. Одатан, ҳангоми дохил намудани чунин саволҳо ба саволномаҳои тавассути почта фиристодашаванда барои навиштани ҷавоб ба мусоҳиб ҷой ҷудо карда мешавад. Дар ин сурат шояд масъалаи вобаста ба мушкил хонда шудани ҳусни хати мусоҳиб пайдо шавад. Ба саволнома ворид намудани чунин саволҳо ба он оварда мерасонад, ки то кадом андоза саволҳоро ихтисор намудан мумкин аст, чунки ба онҳо ҷавобҳои босифат додан зарур аст аз ин рӯ, пуррагӣ ва амиқии ҷавобҳоро мо камтар назорат карда метавонем.

Саволҳои пӯшида барои ошкор намудани далелҳо ё маълумоти мушаххас истифода мешаванд. Чунин саволҳо ҷавобро дар шакли «ҳа/не» ё муқаррар намудани шахс, вақт, маҳалли ҷойгиршавӣ, инчунин интихоб намудани як ё аз он бештар ҷавобҳо аз рӯйхати ҷавобҳои пешакӣ додашуда талаб мекунанд. Саволҳои пӯшида бештар сарф намудани меҳнати ақлониро дар марҳилаи таҳия талаб намуда, лекин дар маҳилаи таҳлил бурди калон мекунанд, чунки мусоҳиб барои ба онҳо ҷавоб гардондан заҳмат намекашад. Норасоии истифодаи чунин шакли саволҳо дар он аст, ки таъмин намудани доираи кофии ҷавобҳо ғайриимкон мебошад.

Саволҳои пӯшида ба иштирокчиён имконият медиҳанд, ки ба саволҳо ба воситаи гузоштани ишораҳо ба ҷавоби интихобшуда ё аломати қайд гузоштан ба рақами ҷавоб, ки ба фикри мусоҳиб фикри ӯро оид ба ин савол беҳтар баён менамояд, ҷавоб гардонанд.

Якчанд намуди чунин саволҳо мавҷуданд. Дар поён саволҳое, ки бештар маъмул мебошанд, қайд гардидаанд.

### *1.17. Саволҳое, ки ҷавоби бисёр доранд*

Шакли мазкури саволҳо ба мусоҳиб имкон медиҳад, ки аз байни ду ва зиёда аз он ҷавоби мушаххас якеашро интихоб кунад. Чунин ҷавобҳоро таҳлил намудан осон аст, лекин боз дар рафти санҷидани саволнома боварӣ ҳосил намудан лозим аст, ки рӯйхати пешниҳодшаванда тамоми доираи имконпазири ҷавобҳоро дар бар мегирад. Тағйироти камтарин ҳангоми ифода намудани саволҳо низ метавонад боиси ба миён омадани ғалатфаҳмӣ гардад.

*Ба кадом ҷанбаҳои фаъолияти муассисаи ислоҳие, ки шумо дар он кор мекунед, ҳузур надоштаи хизматчиён аз рӯйи беморӣ таъсир мерасонад (агар чунин таъсиррасонӣ ба фикри шумо вуҷуд дошта бошад)? Ба хоначаи рӯ ба рӯи ҷавобе, ки фикри шуморо инъикос менамояд, аломати қайд гузоред:*

☐ Таъмини тартибот;

Риоя намудани вақти пешбининамудаи қоидаҳо, ки дар он вақт маҳбусон бояд аз камера берун бошанд;

Ба маҳбусон додани имконияти пурмаҳсул истифода бурдани вақт;

Ба омӯзиш фиристодани ҳайат барои такмил додани тахассус;

Чизи дигар (хоҳишмандем, аниқ кунед)

Ба фаъолияти муассисаи ислоҳӣ таъсир намерасонад.

Барои он ки ҳам шиддатнокӣ ва ҳам хусусияти ақидаҳои иттилоъдиҳандагон андозагирӣ шаванд, ҷадвали баҳодиҳиро истифода бурдан мумкин аст. Одатан чунин ҷадвал аз 5-7 ҷавоб иборат аст ва бандҳои ниҳоии ҷадвал ду ақидаи мухолифро оид ба саволи додашуда нишон медиҳанд. Дар амал шарҳи чунин ҷадвали баҳодиҳӣ шояд мушкил бошад, чунки одатан дар чунин мавридҳо шумораи зиёди мусоҳибонро пурсидан лозим аст то ин ки мавҷуд будани фарқияти назаррас дар ҷавобҳои гурӯҳҳои гуногуни мусоҳибон нишон дода шавад.

Ба дараҷаи мушкилии имтиҳон чӣ гуна баҳо мегузоред? Танҳо дар як хонача аломати қайд гузоред

Хеле оддӣ аст, оддӣ аст, на оддӣ асту на мушкил, мушкил, хеле мушкил.

### **1.18. Муқоиса аз рӯи ҷуфтҳо**

Чунин муқоисакунӣ усули махсуси баҳодиҳӣ аст ва ҳангоми истифодаи он мусоҳиб бояд қарор қабул кунад, ки аз шумораи ҷавобҳои пешниҳодгардида кадомашон нисбатан мувофиқ аст ва дар ин сурат ҷавобҳои ба ҷуфтҳо ҷудошударо муқоиса намояд. Истифодаи усули

мазкур метавонад баҳодиҳии хеле боэътимодро таъмин кунад, лекин аз маълумотдиҳандагон кӯшиши ҷиддиро талаб менамояд, агар аз онҳо талаб карда шавад, ки шумораи зиёди ҷавобҳоро муқоиса кунанд. Ғайр аз ин, муқоиса аз рӯи ҷуфтҳо супориш намедиҳад, ки дараҷаи мутлақи ақидаҳо интихоб карда шаванд, балки танҳо ҷавобҳо дар асоси меъёрҳои муайян ҷудо карда шаванд.

Дар таҷрибаатон чанд парвандаи ҷиноятии ба ин монандро баррасӣ намудед?

Аз 10-то кам аз 21 то 30 парванда ва аз 10 то 20 парванда аз 31 парванда зиёд

### *1.19. Ба гурӯҳҳо ҷудо намудан*

Барои ба гурӯҳҳо ҷудо намудани ҷавобҳо аз маълумотдиҳандагон талаб карда мешавад, ки ҷавобҳоро бо тартиби муайян, мутобиқи меъёрҳои мушаххас ҷойгир намоянд, масалан, мувофиқи афзалиятҳои худ. Барои ба гурӯҳҳо ҷудо намудан усули оддитарин метавонад кумак расонад, ки ба кадом ҷавоби дар саволнома пешниҳодгардида бештар афзалият додан лозим аст. Лекин усули мазкур маҳдудиятҳои худро дорад, чунки сатҳи мутлаки ақидаҳоро муайян намекунад. Ҳангоми ба гурӯҳҳо ҷудо намудан истифодаи беш аз даҳ ҷавоби пешниҳодгардида тавсия намешавад.

***Саволҳои огоҳкунанда*** чунин мақсад доранд, ки маълумоти иловагиро ҷустуҷӯ кунанд ё ақидаҳои оид ба маълумоти пешниҳодгардиа ба миёномадаро равшан мекунанд. Чунин намуди саволҳо ҷавобҳои босифатро талаб менамояд.

*Масалан: Дар сурати аз меъёри муқарраргардида камтар маблаггузорӣ намудани барнома чӣ гуна ҳолат рӯй доданаш мумкин аст?*

**Хусусияти саволи дуруст додашуда**

Саволҳо метавонанд дуруст ё нодуруст дода шаванд. Саволи дуруст додашуда бо хусусиятҳои зерин фарқ мекунад:

1. Барои ба даст овардани ҷавоби рост равона гардидааст. Саволҳо набояд ёридиҳанда бошанд.
2. Ҳама гуна ҷавоби имконпазирро дар бар мегирад. Дар акси ҳол, шумо метавонед мусоҳибро саросема кунед ва норозигии ӯро ба миён оред. Барои мисол саволи зеринро дида мебароем:

*Тамгаи компютератон чӣ гуна аст?*

A. IBM PS

B. Apple

Аён аст, ки ин савол мушкилоти зиёдеро ба миён меорад. Масалан, мусоҳиб шояд тамоман компютер надошта бошад. Ё ӯ компютер дорад,

лекин тамғаи он тамоман дигар асту дар ҷавобҳои пешниҳодгардида қайд нашудааст. Чунин ҳам буда метавонад, ки мусоҳиб ду компютер дорад, якеи он тамғаи IBM PS ва дигараш Apple?

Ду усули бартараф намудани чунин мушкилот вуҷуд дорад.

Усули якум – ҷавобҳоро ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо намудан лозим аст, ки онҳо аз байни ҷавобҳои пешниҳодгардида танҳо яктои онро интихоб мекунад, масалан:

| |
|---|
| *Шумо компютери тамғаи* IBM PS доред? (ҷавоби «ҳа» ё «не» -ро бо аломат қайд кунед)<br>*Шумо компютери тамғаи* Apple доред? (ҷавоби «ҳа» ё «не» -ро бо аломат қайд кунед) |

Усули дигари бартараф намудани чунин мушкилот илова кардани ҷавобҳои дигари зарурӣ ва пешниҳод намудани рӯйхати ҷавобҳо ба савол мебошад. Усули мазкур нисбатан афзалиятнок аст, чунки назар ба усули пештара барои ба даст овардани маълумоти бештар имкон медиҳад.

| |
|---|
| *Тамгаи компютератон чӣ гуна аст? (ҳама ҷавобҳои инъикоскунандаи ҳолатро ишора кунед)*<br>__ *компютер надорам;*<br>__ *тамғаи* IBM PS;<br>__тамғаи Apple;<br>__тамғаи дигар. |

3. Ҷавобҳои ҳамдигарро истиснокунандаро пешниҳод менамояд. Саволи дуруст додашуда равшан аст ва ба мусоҳиб ягон мушкилӣ надорад. Мисоли равшани зеринро овардан мумкин аст:

| |
|---|
| *Давраи кӯдакиатонро дар куҷо гузарондаед?*<br>*A. дар деҳа;*<br>*B. дар ферма;*<br>*C. дар шаҳр.* |

Шахсе, ки давраи кӯдакиашро дар ферма дар деҳа гузарондааст, намедонад кадом ҷавобро интихоб кунад, ҷавоби A ё B. Чунин савол ба мо маълумоти муфидро пешниҳод намекунад.

4. Доираи васеи ҷавобҳои имконпазирро пешниҳод менамояд. Масалан:

| |
|---|
| Дар бораи ин ҷавоб чӣ гуна фикр доред?<br>A. Дар ҳаётам чунин ҳисоботи бадро надидаам;<br>B. Аз ҳисоботи дигар на беҳтар асту на бадтар;<br>C. Дар ҳаётам ҳисоботи аз ин беҳтарро вонахӯрдаам. |

Азбаски, ҳама ҷавобҳо ба гурӯҳи дуюм дохил карда мешаванд, мо ягон намуд маълумоти муфидро ба даст оварда наметавонем. Саволҳоро

тавре ифода кунед, ки онҳо фарқияти ақидаҳои мусоҳибони гуногунро инъикос карда тавонанд. Мисоли дигар меорем:

| |
|---|
| Шумо зидди истеъмоли маводи нашъадор ҳастед? Ҷавоби ба шумо маъқулро бо доира ишора кунед «ҳа» ё «не» |

Боз дар дасти мо ягон намуд ҷавоб нахоҳад буд ва ин бо он сабаб рӯй медиҳад, ки пешакӣ чӣ гуна савол додан ва барои он чӣ гуна ҷавобҳоро пешниҳод намуданро фикр накардем.

5. Мантиқан ба саволи пешина вобаста аст.

6. Аз тахмин оид ба ҳолати муайяни корҳо барнамеояд. Яке аз хатоҳои ҳангоми таҳия намудани саволнома тез –тез дучоршаванда, ки ошкор кардани он хеле мушкил аст, дар он аст, ки тартибдиҳандагони саволнома дар асоси тахминҳое савол тартиб медиҳанд, ки асос надоранд. Саволи зерин мисоли чунин хато буда метавонад:

| |
|---|
| Аз ширкате, дар он мошини худро суғурта кардаед, қаноатмандед?<br>«ҳа» ё «не» |

Чунин савол барои мусоҳибе, ки мошинашро суғурта накардааст, душвор мебошад. Саволҳоро тавре ифода кунед, ки ба шахсони дилхоҳ вобаста бошанд. Аксар вақт барои ин кор танҳо як ҷавоби дигарро илова намудан кифоя аст.

| |
|---|
| Аз ширкате, дар он мошини худро суғурта кардаед, қаноатмандед?<br>__ҳа<br>__не<br>__ дар бораи суғуртаи мошин қарордод мавҷуд нест |

Яке аз хатоҳои нисбатан паҳншуда тахмин кардани он аст, ки мусоҳиб ҷавоби дурусти саволро медонад. Пурсишҳои вобаста ба фаъолияти ширкатҳо одатан саволҳои ниҳоят мушаххасро дар бар мегиранд, ки ба онҳо шояд мусоҳиб ҷавоб ёфта натавонад. Масалан:

| |
|---|
| Чанд фоизи буҷети ширкати шумо барои реклама тариқи почта ҷудо карда мешавад? |

Қариб касе ба чунин савол бе тайёрӣ ҷавоб дода наметавонад. Агар шумо саволҳои ба ин монанд доданӣ бошед, бояд дарк кунед, ки ҷавоби чунин савол тахминӣ мебошад ва эҳтимолияти ба хато роҳ додан хеле зиёд аст.

Дар алоҳидагӣ дида баромадани ҳар як савол ва қарор қабул намудан дар бораи он ки оё мусоҳибон ба ин саволҳо ҷавоб дода метавонанд, хеле муҳим аст. Аз ҳар гуна тахминҳо худдорӣ намоед. Масалан, дар саволи зерин чунин фарзия вуҷуд дорад, ки мусоҳиб чӣ гуна будани Тавсияи рақами 13-ро медонад.

| |
|---|
| Шумо бо Тавсияи №13 розиед?<br>__ ҳа<br>__ не<br>__ дар ин бора ягон фикр надорам |

Агар эҳтимолияти ба савол ҷавоб дода натавонистани мусоҳиб мавҷуд бошад, ҷавоби «намедонам» -ро ҳамчун илова ворид кунед.

7. Саволро тавре ифода кунед, ки ҷавоби ба шумо заруририро дар назар надошта бошад. Одатан ошкор намудани саволҳои равонакунанда хеле осон аст, чунки дар онҳо аксар вакт ибораҳои инкорӣ истифода мешаванд, Масалан:

| |
|---|
| Шумо китобчаи ройгони моро гирифтанӣ нестед?<br>Чунин намешуморед, ки Конгресс хеле маблағи зиёдро харҷ мекунад? |

8. Дар таркиби чунин савол калимаҳои дорои неруи пуртаъсир ё маънояшон нофаҳмо вуҷуд надоранд.

9. Калимаю ихтисораҳои ношинос надорад. Масалан, саволи навбатӣ шояд бамаврид бошад, агар ҳама мусоҳибон ба сифати муҳосиб кор кунанд ва донанд, ки ихтисораи ДСТ маънои даромади солонаи тасҳеҳшударо дорад. Лекин худи ҳамон савол бамаврид нест, агар мо онро ба шахсоне диҳем, ки мусоҳиб нестанд.

| |
|---|
| ДСТ –и шумо дар соли гузашта чӣ гуна буд? |

10. Ба ҷавоби саволҳои пешина вобаста нест. Дар саволномаҳои хаттӣ ба соҳаҳо тақсим шудани саволҳоро пешгирӣ кунед.

| |
|---|
| 1. Шумо полиси суғуртаи ҳаёт доред? (ҳа ё не). Агар ҷавоби шумо «не» бошад, ба саволи сеюм гузаред.<br>2. Андозаи даромадаи солонаи тасҳеҳшудаи шумо чӣ қадар аст? |

Ин саволҳоро тавре ифода кардан мумкин аст, ки аз онҳо як саволи вобаста ба ҳар кадом мусоҳиб ҳосил шавад:

| |
|---|
| Соли гузашта барои суғуртаи ҳаёти худ чӣ қадар пул сарф кардед? |

11. Аз мусоҳиб ба гурӯҳҳо ҷудо намудани саволҳои рӯйхатро, ки дар он беш аз панҷ савол мавҷуд аст, талаб намекунад.

12. Калимаҳои зерин бо маънои васеи худ фарқ мекунанд ва аз истифодаи онҳо ҳангоми гузарондани пурсиш худдорӣ намудан лозим аст: ваколатҳои аниқ, аксарият, сершумор, аксари, шумораи зиёд, бисёре аз, якчандто. Калимаҳои дигар одатан аз ҷониби одамони гуногун бо ҳамдигар монанд қабул карда мешаванд: ниҳоят бисёр, қариб ҳамааш, аксарият, консенсус, камтарини, қариб ҳеҷ кас, қариб ҳеҷ чиз, як ҷуфт.

### 1.20. Пайдарҳамии саволҳо

Саволҳои саволнома бояд ба гурӯҳҳо ё фаслҳои аз рӯйи мантиқ бо ҳам вобаста ҷудо карда шаванд. Гурӯҳбандии саволҳои монанд ба мусоҳиб имкон медиҳад, ки саволномаро тезтар пур кунад. Саволҳое, ки ба онҳо ҷавобҳои шаклан якхела дода мешаванд ё саволҳои ба ин ё он мавзӯи мушаххас вобаста бояд ба як гурӯҳ муттаҳид карда шаванд.

### 1.21. Ҳаҷми саволнома

Таҷриба нишон медиҳад, ки ба саволномаҳои калон нисбат ба саволномаҳои кӯтоҳ камтар одамон ҷавоб медиҳанд. Лекин баъзе тадқиқот исбот менамоянд, ки ҳаҷми саволнома на ҳамеша ба фоизи одамони ба он ҷавобдода вобаста аст. Мазмуни саволҳо назар ба ҳаҷми он муҳимтар мебошад. Ба даст овардани ҷавобҳо бештар аён мегардад, агар мусоҳибон ба мавзӯи тадқиқот мароқ зоҳир намоянд. Саволҳо бояд барои мусоҳиб шавқовар ва пурмазмун бошанд.

### *1.22. Озмудани саволнома*

Лоиҳаи саволномаро ба коршиносон ва мушовирон барои эроду таклифҳо фиристодан лозим аст. Муҳим аст, ки ақалан ду нафар дар бораи лоиҳаи пешниҳодшудаи саволнома робитаи баргарданда пешниҳод намоянд. Пас аз ин амал саволнома бори дигар таҳрир карда шуда, озмуда мешавад.

Барои он ки озмудани саволнома дуруст сурат гирад, он бояд бо иштироки намояндагони воқеии гурӯҳи мақсадноки пурсиш анҷом дода шавад. Аудит бояд бо мусоҳибаи иштирокчиён анҷом ёбад, то ин ки нофаҳмиҳои эҳтимолӣ ё мушкилоти дигари вобаста ба саволнома ошкор карда шаванд. Мусоҳибагиранда бояд бо шахси иттилоъдиҳанда саволномаро банд ба банд баррасӣ намуда, аз онҳо ақидаю таассуроташонро пурсад, мушкилоти дучоршудаашон, саволро чӣ гуна шарҳ доданд, кадом масъалаҳои муҳим дар саволнома қайд нашудаанд ва вақте, ки ба ин ё он савол ҷавоб дода натавонистанд, дар бораи чӣ фикр карданд. Дар марҳилаи мазкур ба даст овардани миқдори зиёдтарини эродҳои танқидӣ муҳим аст ва маънои чунин санҷишро аз будаш зиёд қадр намудан хеле мушкил мебошад. Дар аксарияти ҳолатҳо ба даст овардани маълумоти муфид ва аниқ бо он муайян карда мешавад, ки расмиёти санҷидани саволнома то кадом андоза дуруст омода карда ва анҷом дода шудааст.

Аудити ниҳоии саволнома низ бо иштироки намояндагони гурӯҳи мақсаднок анҷом дода мешавад. Агар вобаста ба саволнома ягон мушкилот пайдо шавад, дар ин марҳила он мушкилот қариб ҳамеша

ҳалли худро меёбанд. Аз рӯи имкон ҳангоми саволномаро пур кардани мусоҳиб ҳозир бошед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки агар барои онҳо чизе мушкил бошад, ба шумо бо савол муроҷиат кунанд. Саволҳое, ки мусоҳибон ба шумо медиҳанд, барои ошкор намудани мушкилиҳои ҷойдошта кумак мерасонанд. Ба туфайли ин амал метавонед саволҳоро тавре таҳрир кунед, то ин ки онҳо аз ҷониби мусоҳибоне, ки саволномаро ба воситаи почта мегиранду имконияти додани саволҳои аниқкунанда надоранд, як хел фаҳмида шаванд.

Натиҷаи аудити саволномаро барои омода намудани нусхаи ниҳоии он истифода бурдан лозим аст.

Агар саволномаҳо пешакӣ санҷида шаванд, бо истифодаи саволнома мушкилоти зиёдеро ҳал карда, бо ин васила вақтро сарфа мекунем. Аз ҷумла, аудитор бояд донад: ҷавобҳо барои кадом мақсадҳо лозиманд, кадом намуди ҷавобҳо ва дар кадом шаклро интизор шудан мумкин аст, бо кадом роҳ онҳо барои ноил гардидан ба мақсадҳои аудит мусоидат менамоянд, оё мусоҳиб маълумоти заруриро медонад ё не. Агар пурсиш ба таври дахлдор гузаронда нашуда бошад, хавфи ба даст овардани маълумоти ғаразнок, ноамиқ, нокифоя, баъзан вақт зиёдатӣ пайдо мешавад. Саволномаҳои дуруст таҳиягардида аҳамияти далелҳои аудитории дар асоси онҳо ба дастомадаро ба таври назаррас афзун мекунанд.

## 1.23. Анҷом додани пурсиш

Мо саволномаро ба воситаи почта ба ҳама иттилоъдиҳандагони худ мефиристем. Назорати ба дасти онҳо расидани саволнома ва фавран шинос шудан бо ҷавобҳои он барои бетаъхир ошкор намудани мушкилот ва ҳалли онҳо ниҳоят муҳим мебошад.

## 1.24. Мактубҳо бо огоҳномаи пешакӣ

Мактубҳо бо огоҳномаи пешакӣ бо чунин мақсад истифода мешаванд, ки ба гирандаи он фаҳмонда мешавад барои чӣ маҳз ӯ барои пур кардани саволнома интихоб шудааст, сабабу мақсадҳои тадқиқот шарҳ дода шаванд ва ба саволҳо ҷавоб додани ӯ то кадом андоза муҳим аст, фаҳмонда шавад.

Муҳаққиқони зиёд масъалаи вобаста ба фиристодани чунин мактубҳои огоҳкунандаро омӯхтаанд, то ин ки таъсири онҳо ба фоизи шахсони ба саволҳо ҷавобдиҳанда муқаррар карда шавад. Мактубҳои огоҳкунанда қонунӣ ва асоснок будани пурсишро нишон медиҳанд ва бо ин роҳ ба мусоҳибон барои бештар боварӣ ҳосил намудан оид ба пурсиш кумак мерасонанд.

Дар сурати интихоби на он қадар зиёд, вақте ки ҳар як ҷавоби ба дастовардашуда аҳамияти калон дорад, фиристодани мактубҳои пешакӣ шарти муҳими муваффақият мебошад.

### 1.25. Мактуби мушоиятӣ

Мактубе, ки саволномаро ҳамроҳӣ мекунад, қисми асосии пурсиш ҳисобида мешавад. Ба мактуби ҳамроҳикунанда бештар вобаста аст, ки мусоҳиб ба савол ҷавоб гардонд ё не. Мактуб имконияти бовар кунондани мусоҳиб дар муҳим будани пуркунии саволномаҳоро дар бар мегирад. Агар саволномаро дар муддати камтар аз панҷ дақиқа пур кардан мумкин бошад, фоизи шахсони ҷавобгардонда шояд зиёд гардад, ба шарте, агар шумо дар ин бора дар мактуби ҳамроҳикунада қайд карда бошед.

Ба савол дар бораи он ки оё мактуби мушоиятиро фардӣ кардан лозим аст (яъне ба муроҷиат номи мусоҳибро ворид кардан), ҷавоби якмаъно вуҷуд надорад. Баъзе муҳаққиқон муқаррар намудаанд, ки мактуби мушоиятии фардӣ кардашуда метавонад ба камшавии фоизи мусоҳибон оварда расонад, агар мусоҳиб ба беимзо ва махфӣ будани пурсиш бештар аҳамият диҳад.

1. Мухтасар шарҳ диҳед, ки тадқиқот бо кадом мақсад гузаронда мешавад ва қайд кунед, ки онро кадом ташкилот анҷом медиҳад ва маблағгузорӣ мекунад.
2. Нишон диҳед, ки ба ҳама саволҳо ҷавоб додани мусоҳиб барои чӣ муҳим аст, ёдрас кунед, ки натиҷаи пурсиш ба ҳисоботи ба парлумон пешниҳодшаванда ворид карда мешавад ва дар асоси он ҳукумат метавонад чораҳои дахлдор андешад.
3. Зикр кунед, ки ба саволнома лифофаро ҳамроҳ кардаед ва ба он марка часпонда шуда, суроғаи шумо дарҷ гардидааст.
4. Барои тез ҷавоб гардондан ҳавасманд кунед ва муҳлати ниҳоиро муайян накунед, лекин баъзан вобаста ба мақсаду муҳимияти саволҳо муҳлати ниҳоиро нишон додан мукин аст.
5. Чораҳои оид ба таъмин намудани беимзоӣ ва махфияти пурсиш андешидаатонро қайд кунед.
6. Ном ва рақами телефони кормандеро, ки ба ӯ муроҷиат кардан мумкин аст, дарҷ намоед.

### 1.26. Огоҳкунӣ дар сурати нагирифтани ҷавоб. Фоизи ба саволҳо ҷавобдодагон

Фоизи мазкур нишондиҳандаи хеле муҳими он мебошад, ки ба натиҷаи пурсиш то кадом андоза бовар кардан мумкин аст. Кам будани

фоизи шахсони ба саволҳо ҷавобдода метавонад амиқии тадқиқотро барбод диҳад.

Яке аз воситаҳои пурсамари зиёд намудани фоизи шахсони ба саволҳо ҷавобдода истифодаи мактуб ё огоҳномаҳои такрорӣ мебошад. Одатан аз 10 то 60 фоизи одамони саволномаҳоро гирифта онро бе ёдраскунӣ пур карда, мефиристонанд. Чунин фоиз барои таъмин намудани амиқии натиҷаи тадқиқот ниҳоят кам мебошад, бинобар он, ба шахсоне, ки аз онҳо ҷавоб нагирифтаед, фиристодани мактуби такрорӣ лозим аст.

### 1.27. Матубҳои такрорӣ/огоҳномаҳо ба шахсоне, ки ба саволнома ҷавоб нагардондаанд

Муҳаққиқон ба воситаи фиристодани мактуб бо огоҳнома ва як нусха саволнома ба шахсоне, ки ба саволнома ҷавоб нагардондаанд, метавонанд фоизи шахсони ба саволнома ҷавобдиҳандаро зиёд кунанд. Ҳангоми таҳияи расмиёти барқарор намудани робита бо онҳое, ки ба саволҳо ҷавоб нагардондаанд, муҳим аст, ки муҳаққиқ хусусиятҳои беҳамтои одамони интихобшударо ба назар гирад. Воситаи аз ҳама таъсирбахш ёдрас намудан ба воситаи телефон мебошад.

### 1.28. Беимзо будан ва махфият

Дар сурати гузарондани тадқиқоти беимзо ҳеҷ кас (ҳатто худи муҳаққиқ ҳам) муайян карда наметавонад, ки маълумотро кӣ пешниҳод намудааст. Ба воситаи почта гузарондани пурсише, ки ба саволнома мусоҳиб имзо намегузорад, кори ниҳоят мушкил мебошад, чунки имконияти бори дигар ба мусоҳиб муроҷиат намуданро аз байн мебарад. Усули ягонаи ёдрас намудан дар бораи саволнома бори дигар фиристодани як нусха саволнома ва огоҳнома дар бораи он ба ҳама шахсони интихобгардида мебошад. Махфиятро таъмин намудан мумкин аст, ба шарте, агар шахсони анҷомдиҳандаи пурсиш ба мусоҳибон ваъда диҳанд, ки дар бораи сарчашмаи маълумоти ба дастовардашуда ба ҳеҷ кас иттилоъ намедиҳанд. Барои ёдрас намудан одатан аломатҳои рамзии саволномаро истифода мебаранд, на номи мусоҳибро. Лекин фаҳмонда додани он ки барои чӣ дар саволнома рақам дарҷ гардидааст ва он бо кадом мақсад истифода мешавад, муҳим аст.

Баъзе тадқиқот нишон медиҳанд, ки фоизи одамони ба саволҳо ҷавобгардонда ба чораҳои ба мусоҳибон иттилоъдодашуда оид ба таъмин намудани беимзо будани/махфияти пурсиш вобаста мебошад. Муҳаққиқони дигар иттилоъ медиҳанд, ки вақте мусоҳибон аз муқаррар гардидани шахсияташон хавотиранд, натиҷаи пурсиш ба таври назаррас тағйир меёбад. Дар як қатор тадқиқот иттилоъ дода мешавад, ки

масъалаҳои беимзо ва махфӣ будани пурсиш ба фоизи мусоҳибон таъсир намерасонад.

### *1.29. Мушоҳида*

Мушоҳида одатан интихоб, мушоҳида ва қайд намудани объектҳо, воқеаҳо ва фаъолиятро дар бар мегирад.

Мушоҳида аз дида баромадани расмиёту ҷараёни аз ҷониби ҳайат амалишаванда иборат мебошад. Мушоҳидаи бевосита назар ба далели аз сарчашмаҳои дуюм ба дастовардашуда таъсирбахш мебошад.

Афзалияти асосии усули мушоҳидакунӣ дар он аст, ки чунин усул метавонад барои ба даст овардани маълумоти васеъ дар хусуси ҳолати воқеӣ истифода шавад.

Маълумоти дар натиҷаи мушоҳида ба дастомада минбаъд бо меъёрҳои таҳлилшаванда муқоиса карда мешаванд. Лекин мушоҳида дарёфти танҳо мисолҳои алоҳидаро таъмин карда метавонад, агар он ба барномаи банақшагирифташудаи ҷамъоварии маълумот мувофиқ наояд.

### 1.30. Мушоҳидаи бевосита

Яке аз усулҳои беҳтарини ба даст овардани маълумот дар бораи ҳолати воқеӣ мушоҳидаи бевоситаи амалисозии фаъолияти муайян мебошад. Усулҳои ба ин монанд ба аудитор барои ҷамъ овардани далелҳо дар бораи захираҳои моддӣ имкон медиҳанд ва ҳангоми ҷамъ кардани далелҳо дар бораи он ки оё расмиёт дуруст риоя мешаванд, хеле муфид буда метавонанд. Бо роҳи мушоҳидаи амиқ аудиторон кӯшиш менамоянд, ки ақидаи аввалияро оид ба фаъолият ё муносибатҳое, ки мавриди аудит қарор додаанд, ташаккул диҳанд. Мушоҳидаи амалисозии равандҳо ба аудиторон маълумоти кофиро дар бораи чунин равандҳо пешниҳод намуда, ба онҳо имкон медиҳанд, ки ҳангоми машварат бо ташкилоти аудитшванда ақидаҳои салоҳиятнокро иброз намоянд. Лекин дар хотир нигоҳ доштан лозим аст, ки мушоҳидаи яккаю ягонаи алоҳида баррасишаванда барои хулоса баровардан дар хусуси ҷараёнҳои дар муддати муайян амалишаванда кофӣ нест.

Маънои мушоҳидаи бевоситаро аз будаш зиёд қадр намудан мушкил аст. Мушоҳида намудани рафтори умумии ҳайат маълумотро оид ба шиддатнокии кор, фазои дар ташкилот ҳукмрон ё нокифоя будани сарбории корӣ пешниҳод карда метавонад. Ҳамаи ин минбаъд метавонад мавзӯи омӯзиши нисбатан дақиқ қарор гирад.

Нисбат ба интихоби намудҳои фаъолият ё объектҳое, ки таҳти мушоҳидаи мо қарор хоҳанд гирифт, ҷиддӣ муносибат намудан лозим аст. Онҳо бояд барои фаъолияти ташкилоти аудитшаванда бонуфуз

бошанд. Аудиторон инчунин бояд он далелро ба назар гиранд, ки вақте ба одамон маълум мегардад, ки онҳоро мушоҳида мекунанд, рафторашон тағйир меёбад.

Сурат ва сабти видеоӣ, инчунин шарҳи муфассали натиҷаи мушоҳида дар шакли хаттӣ арзиши мушоҳидаи бевоситаро зиёд мекунанд. Ба интихоби объекти мушоҳида, ки нисбат ба он суратгирӣ ё сабти видеоӣ анҷом дода мешавад, диққати махсус додан лозим аст. Аудитор бояд тасаввуроти амиқ дошта бошад, ки дар навбати аввал ба чӣ диққат додан лозим аст. Дар ин сурат ба аудитор бояд маълум бошад, ки рафтори одамони мушоҳидашаванда аз рафтори оддии одамон фарқ мекунад. Агар аудитор тавонад, ки ба муҳит бе мушкилӣ мутобиқ шавад, ба бовarии ҳайати таҳти мушоҳида қароргирифта дароянд, натиҷаи мушоҳида нисбатан пурсамар мешавад. Гирифтани дархост барои иҷозати сабт то оғози сабти мушоҳида ба навори видео хеле муҳим мебошад.

**1.31 Ҳангоми мушоҳидаи бевоситаи фаъолияти ташкилотчиро дар хотир нигоҳ доштан лозим аст:**

- ҳангоми мушоҳида он муносибатеро қабул кардан лозим аст, ки ба мулоҳизаи дуруст асос меёбад ва бештар усули фаъол мебошад, на назариявӣ;

- дар вохӯрии якум бо хизматчиёне, ки фаъолияти онҳоро аудитор мушоҳида хоҳад кард, аудитор бояд боодобона ба онҳо фаҳмонад, ки бо кадом мақсад ӯ мушоҳидаро анҷом доданист;

- аудитор бояд кӯшиш кунад, ки ҳолати муқаррарии корро халалдор насозад ва ба хизмачиён халал нарасонад;

- мушоҳидакунанда бояд ҷидду ҷаҳд кунад, ки нақши иштирокчиёнро дар ин расмиёт дарк намуда, оид ба фаъолияти дахлдор тасаввуроти то ҳадди имкон амиқ пайдо кунад ва дар баробари ин мақоми мушоҳиди беғаразро нигоҳ дорад;

- ҳама мушоҳидаҳо бояд бодиққат ба қайд гирифта шаванд, чунки онҳо метавонанд далели асосӣ бошанд;

- ба он диққат додан лозим аст, ки хизматчиён пас аз наздиктар шинос шудан бо аудитор дар ҳолати ғайрирасмӣ чиҳо мегӯянд. Далелҳо бояд чунин бошанд, ки ҳатто аз аудити дақиқтарин ҳам гузашта тавонанд.

Дар сурати дуруст ташкил намудани мушоҳида, он усули таъсирбахши ба даст овардани далелҳои аудиторӣ шуда метавонад. Дар ин ҳолат суратҳо на танҳо тасдиқи ҳуҷҷатноки хулосаҳои аудиторӣ мебошанд, балки ба хонандаи ҳисоботи аудиторӣ низ метавонанд таъсири зиёди равонӣ расонанд.

**2. Ошкор намудани талаботи асосӣ (беғаразӣ, боэътимодӣ, амиқӣ ва кифоягӣ), ки нисбат ба маълумот ва нишондиҳандаҳои воқеӣ пешниҳод мешаванд**

Дар асоси нишондиҳандаҳои воқеии ҳангоми аудит ҷамъовардашуда натиҷаҳои аудити самаранокӣ ташаккул меёбанд. Натиҷаю хулосаҳои аудит, ки ба ҳисобот оид ба натиҷаҳои аудит ворид карда шудаанд, бояд тавре асоснок карда шаванд, ки ба таҳлили танқидӣ тоб оварда тавонанд. Бинобар ин, онҳоро бояд маълумоти беғараз, боэътимод, амиқ ва кофӣ тасдиқ намоянд.

Маълумот ва нишондиҳандаҳои воқеӣ беғараз ҳисобида мешаванд, агар онҳо бо мақсаду меъёрҳои аудити самаранокӣ робитаи аниқи мантиқӣ дошта бошанд.

Маълумот ва нишондиҳандаҳои воқеӣ боэътимод ҳисобида мешаванд, агар онҳо аз сарчашмаҳои гуногун ба даст оварда шуда бошанд, дорои мазмуни гуногун бошанду бар замми ин, ба ҳам мухолифат накунанд. Боэътимодии маълумот ва нишондиҳандаҳои воқеӣ ба сарчашмаи он (дохилӣ - объекти аудитшаванда ё беруна – шахсони сеюм) ва ба шакли пешниҳод шудани он (визуалӣ, ҳуҷҷатнок ва шифоҳӣ) вобаста аст.

Эътимоднокии сарчашмаи далелҳо ба дараҷаи боварибахш будани онҳо ва дар баробари ин, ба ҳаҷми далелҳо, ки эҳтимол зарур бошанд, таъсир мерасонад.

Ҳангоми арзёбии эътимоднокии нишондиҳандаҳои воқеӣ ба нишондиҳандаҳои зерин такя карда мешавад:

- нишондиҳандаҳои воқеии аз сарчашмаҳои мустақили беруна ба дастовардашуда назар ба нишондиҳандаҳои воқеии аз объекти аудит ба дастовардашуда боэътимод мебошанд;
- нишондиҳандаҳои воқеии аз сарчашмаҳои дохилӣ ба дастовардашуда нисбатан боэътимоданд, агар низоми мавҷудаи назорати дохилӣ босамар бошад;
- нишондиҳандаҳои воқеии аз ҷониби аудитор бо истифодаи мушоҳидаи шахсии бевосита ҷамъовардашуда назар ба нишондиҳандаҳои воқеии ба воситаи касе ҷамъовардашуда боэътимод мебошанд;
- нишондиҳандаҳои воқеӣ дар шакли ҳуҷҷатҳо ва аризаҳои хаттӣ назар ба аризаҳои шифоҳӣ боэътимод мебошанд;
- нусхаи асли ҳуҷҷатҳо назар ба нусхаи нусхабардоришуда боэътимодтар мебошад.

Тақвият бахшидан ба маълумот ва нишондиҳандаҳои воқеӣ бо гирифтани маълумоти дигар воситаи пуртаъсири афзун намудани

эътимоднокӣ мебошад. Амали мазкур аз ҷониби аудитор ҷустуҷӯ намудани маълумот ва нишондиҳандаҳои гуногунро аз сарчашмаҳои мухталиф дар бар мегирад.

Маълумот ва нишондиҳандаҳои воқеӣ эътиборнок ҳисобида мешаванд, агар ба далелҳо мувофиқ ва дорои маълумоти бо ҳуҷҷатҳо тасдиқгардида бошанд. Дар ин ҳолат нусхаи асли ҳуҷҷатҳо назар ба нусхаи нусхабардоришуда эътиборнок мебошанд, ба маълумоти шифоҳӣ, чун қоида бояд бо далелҳо дар шакли хаттӣ тақвият бахшида шавад, аризаҳои аз ҷониби шахсони мансабдори объекти аудитшаванда пешниҳодгардида агар ба таври хаттӣ тасдиқ карда шаванд, нисбатан эътиборнок ҳисобида мешаванд.

Барои санҷидани эътиборнокии маълумот ва нишондиҳандаҳои воқеии аз сарчашмаҳои гуногун гирифташаванда байни ҳамдигар муқоиса карда мешаванд. Масалан, нишондиҳандаҳои ҳисобот барои санҷидани маълумоти дар рафти мусоҳиба ба дастовардашаванда зарур мебошанд. Арзёбии баъзе кормандон фикрҳои коргарони дигарро аниқ мекунанд. Вокуниши шахсоне, ки пурсида мешаванд нисбат ба маълумоти пешниҳоднамудаи аудитор ҳамчун робитаи мутақобила ҳисобида мешавад ва сифати чунин маълумотро нишон медиҳад.

Эътиборнокии маълумот ва нишондиҳандаҳои воқеии аз компютер ба дастомадаро ба воситаи истифодаи барномаҳои махсуси аудитӣ ё ба воситаи таъмин намудани хулосаи фосиладор оид ба маълумот дар марҳилаҳои гуногуни кори барнома бо аудити минбаъда ва муқоиса намудан бо натиҷаи ниҳоӣ санҷидан лозим аст.

Маълумот ва нишондиҳандаҳои воқеӣ бояд кофӣ бошанд, яъне ҳаҷми маълумот бояд барои таҳия намудани хулосаҳои холисона ва асоснок кифоя бошад.

Ҳаҷми маълумоти барои арзёбии аудиторӣ зарур дағалона танзим намегардад. Аудитор дар асоси ақидаи касбии худ уҳдадор аст мустақилона оид ба ҳаҷми маълумоти барои тартиб додани хулоса зарурӣ қарор қабул намояд.

Ҳангоми муайян намудани кифоягии маълумот ва нишондиҳандаҳои воқеӣ омилҳои зеринро ба назар гирифтан лозим аст:

- сатҳи аҳамияти маълумоти бадастовардашуда;
- дараҷаи хавфи вобаста ба таҳияи хулосаи нодуруст;
- таҷрибаи аз гузарондани аудитҳои пешина пайдошуда оид ба дараҷа ё эътимоднокии ҳуҷҷатҳо;
- сатҳи эҳтимолии асоснокии аудит;
- боварибахш будани далелҳои аудиторӣ, ки дар асоси маълумоти ҷамъовардашуда пайдо гардидаанд;

- муқоиса намудани хароҷот барои ба даст овардани далелҳои дорои афзалияти аз тасдиқи маълумоти гирифташуда пайдогардида.

**3. Ҳуқуқҳои аудитор ҳангоми гузарондани аудити самаранокӣ. Маслиҳатҳои амалӣ оид ба ташкил ва ҷамъоварии маълумот ва нишондиҳандаҳои воқеӣ**

**3.1. Дар вақти гузарондани аудит аудитор ҳуқуқ дорад, ки:**

- мустақилона расмиёти ба даст овардани далелҳои аудитории заруриро муайян кунад;
- оид ба саволҳои пайдошуда шарҳ ва маълумоти иловагӣ гирад, ки онҳо барои аудит лозиманд. Роҳбарон ва шахсони мансабдори дигари субъектҳои иқтисодӣ уҳдадоранд ба аудитор ҳама ҳуҷҷатҳои барои гузарондани аудит зарурро пешниҳод намоянд, инчунин аз рӯи дархости аудиторон ба таври шифоҳӣ ва хаттӣ шарҳу эзоҳ диҳанд;
- ба ҳама ҳуҷҷатҳои ба фаъолияти объекти аудитшаванда вобаста дастрасӣ дошта бошад;
- аз шахсони сеюм тамоми иттилооти барои гузарондани аудит лозимро гирад;
- мушоҳидаро анҷом диҳад;
- бо ташаббуси худ бо коршиносон ва мутахассисон вохӯрӣ ташкил кунад.

**3.2. Маслиҳатҳои амалӣ оид ба ҷамъ овардани нишондиҳандаҳои воқеӣ:**

Ба ҳайати гурӯҳи аудиторон пеш аз ҳама аудиторонеро ворид намудан лозим аст, ки дорои дониш, таҷриба ва малакаҳои дахлдори коршиносию таҳлилӣ мебошанд ва таҷрибаю малакаи худро дар вақти гузарондани аудити молиявӣ нишон додаанд.

Ҳаҷми назарраси маълумотро дар натиҷаи омӯзиши ҳуҷҷатҳое ба даст овардан мумкин аст, ки бевосита ба мақсади аудити самаранокӣ робита доранд. Ба сифати воситаҳои таҳлилии коркарди иттилооти дар рафти ҷамъоварии маълумот бадастомада барои пешниҳод намудани маълумоти миқдорӣ, нақша ва расмҳои ҷадвалу диаграммаҳо сохта мешаванд то ин ки раванду расмиёт, низом ва ҷузъиёти он нишон дода шаванд. Имконияҳои техникии коркади маълумоти миқдорӣ бо истифодаи компютер афзун мегарданд. Лекин ин амал бо назардошти он ки маълумоти миқдорӣ дар аудити самаранокӣ дар аксар мавридҳо ёрирасон мебошад, омодасозии махсуси аудиторон, имконияҳои компютер ва мавҷудияти таъминоти дахлдори барномавиро талаб менамояд.

Маълумотро дар натиҷаи суҳбату машваратҳо бо кормандони объекти аудит ва коршиносони мустақил ба даст овардан мумкин аст. Бинобар ин, корманд бояд робитаҳои заруририро барқарор намуда, бо одамон муошират карда тавонад.

Гузарондани аудити самаранокӣ ҳамкории доимиро бо намояндагони ташкилоти аудитшаванда оид ба масъалаҳои пайдошаванда, нофаҳмиҳо, ақидаи аудитор оид ба ҳолат барои барқарор намудани робитаи баргардандаи босамар дар назар дорад.

Маълумоти дуруст интихобшуда, таҳлилгардида ва пешниҳодшуда вокуниши муайяни шахси аудитшавандаро ба вуҷуд меорад, ки дарки он барои ташхис намудани мушкилии пайдошуда хеле муҳим мебошад. Вокуниши кормандони ташкилоти аудитшаванда нисбат ба маълумоти аз аудитор дастраснамудаашон барои кори аудитор ниҳоят муфид мебошад. Лекин аудитор бояд барои ба даст овардани чунин робитаи баргарданда дар тамоми рафти кори худ кӯшиш кунад. Робитаи баргарданда ҳамчун олоте хизмат мекунад, ки намояндагони ташкилотро ба мустақилона хулоса баровардан дар асоси маълумоти интихобгардида ва беғараз пешниҳодшуда водор менамояд.

Роҳбарон ва кормандони объекти аудит шояд нисбат ба аудити анҷомдодашаванда гӯё чизеро пай бурда, ҳушёр шуда бошанд ё нобоварӣ зоҳир намоянд, бинобар он барои асоснок намудани натиҷаи аудит бояд далелҳои асоснок, мисолҳои боваринок дошта бошед ва дар баробари ин, суханони худро исбот карда тавонед.

Дар ҷараёни аудит бо мақсади ба роҳ мондани робита ва ҳамдигарфаҳмӣ, муҳокимаи рафти аудит ва ба онҳо расондани ёрӣ оид ба дарки усулҳои аудити самаранокӣ, гузарондани вохӯриҳои мунтазам бо роҳбарони ташкилотҳои аудитшаванда хеле муҳим аст.

Ҳангоми гузарондани аудити самаранокӣ муносибати эҳтимолии манфии кормандони ташкилотро бартараф намуда, тарси онҳоро аз байн бурдан лозим аст, то ин ки маълумоти нодуруст ба даст оварда нашавад. Мушкилоте, ки аудитгарон бо онҳо дучор мегарданд, барои кори аудитор монеаҳои иловагӣ эҷод менамоянд. Агар роҳбарият ва кормандони объекти аудит аудиторро қабул накунанд, тадқиқот комилан бесамар хоҳад буд. Ин амал низ аз аудитор малакаи барқарор намудани робита ва ҳал кардани низоъро талаб менамояд.

Аудити самараноки аудиторӣ барои бартараф намудани муносибати манфӣ нисбат ба кори аудиторӣ рафтори эҷодиро талаб менамояд. Ин амалро тавассути чораҳои зерин анҷом додан мумкин аст:

- шаффофияти маълумот оид ба гузарондани аудит дар ташкилот, аз ҷумла оид ба мазмун, мақсад, усулҳои анҷомдиҳӣ ва натиҷаҳои

чашмдошт. Аудитор бояд ҷолиби диққат бошад. Ҳайатеро, ки кори худро пурсамар анҷом медиҳад, бовар кунондан лозим аст, ки аз аудити гузарондашаванда наҳаросад;

- дастрас будани ҳайати ташкилот ба аудитор. Имконияти робитаро бо ӯ барои ҳама кормандони ташкилот таъмин намудан лозим аст;

- робитаи баргардандаи паи ҳам бо намояндагони объекти аудит оид ба натиҷаи ҷамъоварӣ ва омӯзиши маълумот. Ташкилоти аудитшавандаро бо маълумот оид ба рафти кор, далелҳои муқарраргардида, маълумоти пешакӣ, гирифтани иттилооти баъдинаи талабшаванда ва аудит таъмин намудан лозим аст.

**ХУЛОСА**

Дастурамали мазкур масъалаҳои ҷамъ овардани далелҳои аудиториро дар бар гирифта, дар бораи усулҳои ба даст овардани маълумот ва далелҳои аудиторӣ, талаботи ба маълумоти ҷамъовардашуда пешниҳодшаванда бо мақсади он ки маълумоти мазкур далелҳои аудиторӣ ҳисобида шаванд, шаклҳо ва сарчашмаҳои ба даст овардани далелҳо, инчунин мураттабсозии баъзе маслиҳатҳои амалии ҷамъ овардани маълумот ва нишондиҳандаҳои воқеӣ маълумот медиҳад.

Ба назар гирифтан лозим аст, ки интихоби усули ҷамъоварии маълумот бевосита ба мақсадҳои гузоштаи аудит ва меъёрҳои арзёбӣ вобаста мебошад. Усули нодуруст интихобгардида метавонад ба харҷи нолозими кӯшишҳо ва хулосаҳои хато оварда расонад. Барои ҳар як ҳолат техникаи дахлдори ҷамъ овардани далелҳоро фикр карда баромадан лозим аст, то ин ки далелҳои ба кор вобастаи асоснок ва боэътимод ба даст оварда шаванд.

Дар вақти ҳалли масъалаҳо оид ба сарчашмаҳои маълумот аудитор бояд ақидаҳои касбии худро ба роҳбарӣ гирифта, ин ё он усули интихобро истифода барад ва мақсади аудит, меъёрҳои арзёбии самарабахширо ба назар гирад.

Ҳангоми омодасозии арзёбӣ ва хулоса аудитор кӯшиш мекунад, ки аз сарчашмаҳои гуногуни дорои хусусиятҳои мухталиф далелҳои тасдиккунандаро ба даст орад. Дар ҷараёни ҷамъ овардани маълумот ва нишондиҳандаҳои воқеӣ аудиторон бояд чунин омилро ба назар гиранд, ки на ҳар гуна маълумотро ба сифати далели аудиторӣ истифода бурдан мумкин аст. Хулосаю натиҷаҳои аудити ба ҳисоботи натиҷаи аудит воридгардида бояд тавре асоснок карда шаванд, ки ба таҳлили танқидӣ тоб оварда тавонанд. Бинобар ин, онҳо бояд бо маълумоти ҳаматарафа, боэътимод, эътиборнок ва кофӣ тасдиқ карда шаванд.